Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Ифротгароии динию сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор меравад. Зарурати омӯзиши ин масъала, пеш аз ҳама, бо паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ, фаъолгардии ташкилотҳои ифротгароӣ, аз ҷониби онҳо истифода шудани дин ҳамчун яроқи идеологию сиёсӣ ва монанди инҳо асоснок карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ ба масъалаи пешгирии паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ, зуҳури он дар миёни ҷавонон, аз байн бурдани хавфу хатари ифротгароии динию сиёсӣ диққати махсус медиҳанд. Аз ҷумла, қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» ва стратегияи мубориза бо терроризм ва экстремизм гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои охир таъсири ифротгароии динию сиёсӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Махсусан дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи истифодаи шабакаи Интернет тундгароён ва ифротгароён ба таври фаъол дар миёни муҳоҷирон ва қишрҳои дигари ҷомеа ғояҳои худро тарғибу ташвиқ намуда истодаанд. Ин ва дигар масъалаҳои марбут ба паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ, ҳамчунин муайян намудани сабабҳои пайдоиши он, таҳқиқ намудани роҳҳои паҳнкунии ифротгароӣ масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсии ватанӣ мебошанд.

Дар таҳқиқоти Ашурзода Ҷ.Х. таҳлили хусусиятҳои муҳимми ифротгароии динию сиёсӣ ва муайян намудани сабабҳои пайдоиш ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он ба сифати мақсади таҳқиқот интихоб шудаанд. Таҳлили қисми асосии таҳқиқот дар заминаи автореферати

диссертатсия нишон медиҳад, ки мақсад ва вазифаҳои дарпешгузоштаи муаллиф иҷро шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ методҳои илмии ба мавзӯи омӯзишӣ мувофиқро истифода намудааст. Аз ҷумла, таҳлили системавӣ ба ӯ имкон додааст, ки ифротгароии динию сиёсиро ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон диҳад. Таҳлили муқоисавӣ аз ҷониби ӯ барои омӯхтани зуҳури ифротгароӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва солҳои минбаъда истифода гардидааст. Таҳлили рафторӣ бошад барои омӯхтани таъсири ғояҳои ифротгароӣ ба афкори ҷамъиятӣ, тағйирёбии рафтори ҷавонон, роҳу воситаҳои таблиғӣ ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ ба кор бурда шудааст. Таҳлили институтсионалӣ барои нишон додани хусусияти ғайриқонунӣ доштани фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ истифода гардидааст. Муваффақияти асосии муаллиф дар самти истифодаи методҳои илмӣ аз он иборат аст, ки ӯ методи таҳлили танқидиро дар мавридҳои зарурӣ истифода намуда, баъзе баррасиҳоеро, ки бо назарияҳои сиёсӣ ва равандҳои сиёсӣ мухолифат доранд ва ё дурустиашон шубҳанок мебошанд, ба таври аниқу дақиқ нишон додааст.

Воқеан ҳам дар таҳқиқоти мазкур масъалаи ифротгароии динию сиёсӣ бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба таври маҷмӯӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқоти муаллиф: моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ифротгароии динию сиёсӣ омӯхта шудаанд; сабабҳо ва омилҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҳу воситаҳои муқовимат бо он нишон дода шудаанд; хусусиятҳои муҳимми сиёсишавии дин таҳлил гардида, нишонаҳои он ҳамчун омили бавуҷудоварандаи ифротгароии динию сиёсӣ муайян карда шудааст; омилҳои гуногуни паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ дар миёни ҷавонон таҳлил гардидааст; пайдоиш ва ташаккулёбии ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст; мушкилот ва дурнамои муқовимат бо ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Ба сифати норасоӣ ба муаллифи диссертатсия пешниҳод менамоям, ки дар оянда ба омӯзиш ва таҳқиқи киберэкстремизм низ машғул шавад. Ҳарчанд дар таҳқиқот омилҳои иттилоотии паҳншавии ифротгароӣ нишон дода шуда бошад ҳам, ба таҳқиқи он зербоби алоҳида бахшида нашудааст. Аммо ин норасоӣ ба мундариҷаи таҳқиқот таъсири амиқ намерасонад ва илмияти диссертатсияро кам намекунад.

Аз рӯйи муқаррарот ва натиҷаҳои таҳқиқоте, ки дар автореферат ҷойгир шудаанд, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Бо дарназардошти объект ва мақсади таҳқиқот кори

илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта мебошад.

Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқотии худ панҷ мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп намудааст, ки онҳо натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд. Автореферати диссертатсия тибқи талаботи ҷорӣ таҳия гардидааст ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Дар он муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқотва қисмҳои асосии диссертатсия ҷойгир карда шудаанд. Инчунин дар охири автореферат хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд. Бо дарназардошти мазмуну муҳтавои автореферат, инчунин дар асоси методҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки кори илмии Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муродов С.

Имзои Муродов С.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шӯъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: +992 918 414086
E-mail: subhonm@mail.ru